Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

8 апрели соли 2023 Шанбе № 28 (14936)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ ДАР ОЯНДА БА МИНТАҚАИ БУЗУРГИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ХАБИ ЛОГИСТИКӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7 апрел ба мақсади шинос шудан бо рушди минтақа, зиндагии аҳолӣ ба вилояти Сирдарё ташриф овард.**

Сарвари давлат дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Сирдарё иштирок ва нутқ эрод кард.

Президент дар оғози суханрониаш изҳор дошт, ки сокинони вилоят бо дарки баланди ватандӯстӣ кор карда, ба комёбиҳои бузург ноил мегарданд.

Тӯли шаш соли охир ба вилоят дар андозаи 30 триллион сӯм сармоя ҷалб карда шуд, 6 ҳазору 640 корхонаи нав ба кор сар кард. Ба шарофати ин 55 ҳазор ҷойҳои доимии кор ташкил ёфт, 17 ҳазор оила аз нодорӣ раҳо гардид.

Дар вилояти Сирдарё низ миқдори соҳибкорон афзуд. Соҳаҳои нав, аз ҷумла маводи сохтмон, доруворӣ, саноати чарм ва хӯрокворӣ ба миён омаданд, ки пештар вучуд надоштанд. Аз ҷумла, дар соҳаи маводи сохтмон 274 лоиҳа татбиқ шуд ва соҳаи мазкур ба муҳаррики нав табдил ёфт. Саҳми он ба саноати вилоят аз 7 фоиз зиёд шуд.

Вилоят дар ҷумҳурӣ бобати истеҳсол ва содироти маҳсулоти полизӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Дар Сирдарё сеяки нерӯи электрӣ, 16 фоизи маҳсулоти чарм ва 10 фоизи дорувории мамлакати мо истеҳсол карда мешаванд.

Баъд аз сафари Президент, ки моҳи октябри соли гузашта ба вуқӯъ пайваста буд, барномаи ба минтақаи аз бекорӣ озод табдил додани вилояти Сирдарё қабул шуд. Барои татбиқи он барилова 2 триллион сӯм ҷудо карда шуд.

Аз ҷумла, ба 20 ҳазор сокинон воҳмои имтиёзнок пешниҳод гардида, ба 5 ҳазор ҷавонони бекор барои хариди таҷҳизот субсидияҳо ҷудо карда шуданд. Ҳамчунин бобати ташкил кардани фаъолияти зиёда аз 2 ҳазор ҳунарманд, ҳунаромӯзони беш аз 12 ҳазор писарону духтарон кумак расонида шуд. Барои ба роҳ мондани хоҷагии кишоварзӣ ба аҳолӣ барилова 5 ҳазор гектар замин ҷудо гардид, 10 ҳазор нафар соҳиби манбаи даромад шуданд.

Роҳбари давлати мо таъкид намуд, ки натиҷаҳои бадастомада аллакай таъриҳанд, имкониятҳо барои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа бошад, ҳанӯз зиёданд. Аз ҷумла Сирдарё дорои захираҳои ғановатманди табиӣ аст. Заминҳои кишт ба ҳар сари аҳолӣ нисбати минтақаҳои дигар 2-3 баробар бештар мебошанд. Дараҷаи таъминот бо оби кишоварзӣ низ баланд аст. Агар илм ва инноватсия ба кор андохта шаванд, метавон ҳаҷми истеҳсолот ва содиротро зиёд кард.

Сирдарё ба бозори бузургтарини истеъмолии ҷумҳурӣ – Тошканд дар масофаи наздик қарор дорад. Вай ҳамчунин дар байни кишварҳои ҳамсоя – Қазоқистону Тоҷикистон дорои гузаргоҳи мусоиди нақлиётӣ мебошад.

Роҳбари давлат зарурияти ба кор андохтани имкониятҳо ва ба «Минтақаи пешқадами инноватсионӣ»-и саноатӣ, соҳибкорӣ, кишоварзӣ, таълиму тиббиёт табдил додани Сирдарёро таъкид намуд.

Дар ин ҷо истифода аз таҷрибаи Чин муфид хоҳад буд. Кишвари мазкур дар соҳаҳои зикршуда ба комёбиҳои бузург ноил шудааст. Ғайр аз ин, сармоягузорони чинӣ ба минтақа рағбати зиёд зоҳир мекунанд. Тӯли шаш соли охир дар шаҳри Ширин, ноҳияҳои Мирзообод ва Сирдарё беш аз 60 корхонаҳои азими саноатӣ кушода шуданд. Танҳо соли 2022-юм дар минтақа зиёда аз 250 миллион доллар сармояҳои чинӣ ҷалб гардиданд.

Дар ҷаҳмомад Президент 5 ташаббуси наверо, ки ба баланд бардоштани некуҳолии сирдарёиён нигаронида шудаанд, иброз дошт.

Якум, ба минтақаи пешқадами саноатии ҳамаҷониба рушдёфтаи моявӣ тарзи махсуси имтиёзнок барои лоиҳаҳо бинобар 20 самт – дорувории биологӣ, маводи сохтмон, кишоварзӣ соҳаи хӯрокворӣ, электротехника, тиббиёт ва таълим ҷорӣ карда мешавад. Онҳо ба муҳлати 3 сол аз пардохти андози замин, андоз барои амвол, даромад ва муомилот , ҳамчунин боҷҳои гумрукӣ озод карда хоҳанд шуд. Қитъаҳои замин дар минтақа бо тартиби содда ҷудо карда мешаванд, қитъаҳо ва биноҳоро метавон ба муҳлати 5 сол харидорӣ кард.

Ҳамчунин дар Сирдарё кластери биотехнологии ӯзбекистониву чинӣ дар ҳаҷми сармояи 500 миллион доллар сохта хоҳад шуд. Якҷо бо донишгоҳҳои машҳури Чин дар Гулистон донишгоҳи байналхалқии таълим ва тадқиқот, клиникаи тибби инноватсионӣ, Маркази геномии Осиёи Марказӣ, маркази терапияи ҳуҷайраҳо барои табобати беморихои онкологӣ бунёд меёбанд. Ҳамчунин кластер асбобу анҷомҳои замонавии ташхис, ваксинаҳои инноватсионӣ, пробиотикҳо ва воситаҳои давоии онкологӣ истеҳсол мекунад.

Барои кластер 200 гектар замин ҷудо карда мешавад, барои 10 ҳазор донишҷӯ биноҳои таълимӣ, кампуси замонавӣ, лабораторияҳо, мактаби муҳандисҳо сохта хоҳанд шуд.

Дуюм. 11 ноҳия ва шаҳрҳои вилоят ба соҳаҳои саноат махсусонида мешаванд ва дар ҳар кадом мувофиқи модели чинӣ хиёбонҳои инноватсионии техникӣ бунёд меёбанд. Дар онҳо татбиқ намудани лоиҳаҳои инноватсионии соҳаҳои электротехника, доруворӣ биологӣ, кимиё, маводи сохтмон, пиллапарварӣ ва саноати хӯрокворӣ пешбинӣ шудааст. Ба хиёбонҳои техникӣ мақоми минтақаи озоди иқтисодӣ бо ҷорӣ кардани низоми содаи «коркард дар ҳудуди гумрукӣ» дода мешавад. Соли равон барои инфрасохтори хиёбони техникӣ 200 миллиард сӯм ҷудо карда хоҳад шуд.

Барои бо маблағ таъмин намудани лоиҳаҳои сармоявӣ дар Сирдарё Хазинаи сармояи ӯзбекистониву чинӣ якҷо бо Бунёди Роҳи абрешими Чин ва дигар идораҳои молиявии он ташкил меёбанд. Ба бунёд 1 миллиард доллар сармоя гузошта мешавад.

Сеюм. Дар Сирдарё агротехнологияҳои пешқадамтарин ҷорӣ карда хоҳанд шуд. Ба ҳокими вилоят аз Чин коршиносон оид ба хоҷагии қишлоқ машварат медиҳанд, сармоягузорон ба бозсозии низомии обрасонӣ ва обёрӣ ҷалб карда хоҳанд шуд.

Ҳамчунин бо кумаки таҷрибаи чинӣ дар Сайҳунобод маҷмӯаҳои экологии ҷорвопарварӣ ва паррандапарварӣ, дар ноҳияи Мирзообод бошад, боғҳои зудраси анор, харбуза, ҳавзҳои пекан ва моҳӣ сохта мешаванд. Дар Хавос иқтидорҳо бобати истеҳсоли рангҳои табиӣ аз растаниҳо, хиёбони нигоҳдории техника, коркард ва борбандии меваю сабзавот бунёд мегарданд. Ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои машҳури Чин бобати офаридани зироатҳои ба гармиву хушкӣ тобовар, навъҳои нави ҷорво ба роҳ монда мешавад.

Чаҳорум. Сирдарё ба шоҳроҳи бузурги логистие, ки кишвари моро бо Қазоқистон, Тоҷикистон, Чин ва Афғонистон пайванд мекунад, табдил меёбад. Барои ин дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони чинӣ хатсайрҳои нави нақлиётӣ ва маркази мултимодалии логистикӣ, ки қисмати шаркӣ ва марказии ҷумҳуриро бо самтҳои қаробати хориҷӣ алоқаманд мекунанд, бунёд карда мешаванд.

Ғайр аз ин дар Сирдарё таҷриба бобати ҷалби сектори хусусӣ ба сохтмон, нигоҳ доштан ва идора кардани роҳҳо оғоз меёбад.

Панҷум. Бо такя ба натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи тиб ва имкониятҳои мавҷуда шаҳри Гулистон ба хабби тибби инноватсионӣ табдил дода хоҳад шуд.

Дар иҷлосия масъалаи ташкилӣ баррасӣ шуд. Президент Шавкат Мирзиёев ба вазифаи ҳокими вилояти Сирдарё номзадии Акмалҷон Маҳмудалиевро тавсия намуд.

А. Маҳмудалиев соли 1974 таваллуд шудааст. Вай бобати кор дар мақомоти давлатӣ таҷрибаи зиёд дорад. Дар вазифаҳои ҳокими ноҳияи Учкӯпруки вилояти Фарғона, муовини ҳокими вилояти Навоӣ оид ба масъалаҳои хоҷагии қишлоқ ва об кор кардааст. Аз ноябри соли гузашта иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Сирдарёро ба ӯҳда дорад.

Пеш аз муҳокимаи номзад иштирокдорон барномаи номзадро шуниданд. Акмалҷон Маҳмудалиев нақшаҳои кори худро бинобар рушди соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳаёт барои аҳолии вилоят зикр кард.

Роҳбари давлат ба шахсони масъул бобати татбиқ сохтани таклифҳои зикршуда супоришҳо дод.

Пешбинӣ мегардад, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ дар Сирдарё бариловаи 685 миллиард сӯм, ки дар барномаи давлатӣ барои соли равон пешбинӣ гардидааст, боз 380 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад, ҳамчунин 110 миллиард сӯм барои рушди соҳибкории оилавӣ равона карда хоҳад шуд.

Супориш дода шуд, ки 1 миллиард доллар барои татбиқ сохтани лоиҳаи соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ ва соҳибкорӣ, 105 миллион доллар барои сохтмони инфрасохтор ҷалб карда шаванд.

Баробари ин барои ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ ва ба минтақаи инноватсионӣ табдил додани вилояти Сирдарё вазифаҳо гузошта шуданд.

Пас аз муаррифӣ депутатҳои шӯрои вилоят фикру ақидаҳои худро вобаста ба барномаи номзад иброз доштанд. Масъалаи ташкилӣ ба овоз гузошта шуд. Бинобар натиҷаи он Акмалҷон Маҳмудалиев ҳокими вилояти Сирдарё тасдиқ гардид.

Пас аз ин Президент Шавкат Мирзиёев аз корхонаи «Омон мед фарм»-и шаҳри Гулистон дидан кард.

Дар ин ҷо 2 миллиону 400 ҳазор баста маҳсулоти доруворӣ, асосан аз растаниҳои дорувории маҳаллӣ ва ашёи хом истеҳсол карда мешавад.

Антибиотикҳои истеҳсолкардаи корхона, дорухо дар шакли ҳаб, ампула ва инфузия ба беморхонаю дорухонаҳо фиристода мешаванд. Ба нақша гирифта шудааст, як қисми маҳсулот ба кишварҳои ҳамсоя содир карда шавад. Дар корхона қариб ҳазор кас кор мекунад.

Сарвари давлатамон бо рафти истеҳсолот ва нақшаҳои минбаъдаи корхона шинос шуд.

Ин ҷаҳьияти масъулияташ маҳдуд дар шакли кластери тиббӣ рушд мекунад. Дар назди он поликлиника, мактаб ва донишгоҳ сохта мешавад.

Президент ба масъулин дастур дод, ки ба корхона дар васеъ намудани номгӯ ва роҳандозии содироти дорувор мусоидат кунанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ ТАЪИН КАРДАНИ А. А. МАХМУДАЛИЕВ

Мувофиқи банди 15 моддаи 93 ва моддаи 102-юми Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Сирдарё Акмалҷон Азимҷонович Махмудалиев ба вазифаи ҳокими вилояти Сирдарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 7 апрели соли 2023.*

**30 апрел – Рӯзи раъйпурсии Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ҚАДАМИ МУҲИМИ ТАЪРИХӢ

***Қонуни Асосӣ – Конституцияи Ӯзбекистон 31 сол муқаддам, 8-уми декабри соли 1992 қабул шуда буд. Ӯзбекистони аҳолии касирулмиллат тӯли ин солҳо дар асоси ҳамин конституция ҳаёт ба сар бурд, кишвараш ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи муносиби худро дарёфт. Дар Ӯзбекистон таҳкурсии давлатдории замонавӣ гузошта, ба низоми конституцияви шароит ба вуҷуд оварда шуд. Дар кишвар зиндагии осуда ва сулҳ таъмин гардид.***

Аммо зиндагӣ ҳамеша дар як маром давом намекунад. Хусусан, дар замони ҷаҳонишавӣ инкишофи ҷомеа тарзи нав ва нигоҳи навро ба ҳаёт тақозо мекунад. Баъди ба сари давлат омадани Шавкат Мирзиёев, хусусан, дар давоми 6-7 соли охир, инкишофи ҷомеа ба сатҳи сифатан нав баромад, дар илми сиёсатшиносӣ ибораи «Ӯзбекистони Нав» дохил шуд. Ӯзбекистон дар сиёсати ҳам дохилӣ, ҳам хориҷӣ ба комёбиҳои бузург ноил шуд, дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ислоҳоти амиқ дар амал татбиқ гардид. Мардуми кишвар аз насими демократия баҳраманд шуд, дар асоси усулияти Ш.М. Мирзиёев «Халқ на ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ бояд ба мардум хидмат кунад» бо мақсади кор бо арзу шикоят, муроҷиати халқ Қабулхонаҳои халқӣ дар сартосари мамлакат таъсис дода шуд. Қабулхонаҳои халқӣ дар 5-6 соли охир барои решакан намудани коғазбозию бюрократия, фармонбозиҳои аз ҳад зиёд саҳми бузург гузоштанд. Дар сохтори идораҳои ҳуқуқ ислоҳот гузаронида, бар зидди коррупсия мубориза мунтазам ба роҳ монда шуд.

Шавкат Мирзиёев 6 сол пеш дар яке аз мулоқоташ бо мардум таъкид намуда буд: «Набояд фаромӯш кард, ки ҳаллу фасл намудани ҳар гуна мушкилоти шаҳрвандон яке аз вазифа ва ӯҳдадории асосии давлат дар назди мардум мебошад». Пас аз баррасию муҳокимаи умумихалқӣ Қонун «Дар бораи хидматҳои давлатӣ» қабул гардид. Дар кишвар дар бобати пуштибонӣ намудани соҳибкорӣ аз ҷониби давлат корҳои зиёд пиёда карда шуданд.

Дар Ӯзбекистон барои таъмини озодии сухан ва матбуот қадамҳои муҳим гузошта шуданд. Қонун «Дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ» зери таҳрири нав қабул карда шуд. Ба ҳалқаи муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ – институти маҳалла эътибори ҷиддӣ дода шуд. Ҳамин тавр, дар низоми суд, ҳуқуқ ва тартибот низ навсозиҳо ба амал омаданд.

Роҳбарият дарвозаҳои кишварро барои дунё боз кард. Қабл аз ҳама, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки таъриху тақдирашон аз қадимулайём муштарак аст, дар асоси принсипи «Ӯзбекистони Нав – ҳамсояги нав» равобити хуши ҳамкориҳо ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, Президент соли 2018 ба Душанбе ташриф фармуд ва зимни мулоқот бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон кулли масъалаҳои ҳамкории ду кишвари ҳамсоя ва дӯстро баррасӣ карданд. Ва қариб ба 30 санади муҳими ойди ҳамкориҳои серҷанба имзо гузоштанд. Ҳамин тавр, дар таърихи муносибатҳои ду кишвар саҳифаи нав, марҳилаи нав оғоз ёфт. Чанд рӯз қабл нашрияи «Азия-плюс»-и Тоҷикистон хабаре эълон кард: «Соли 2022 ба Тоҷикистон беш аз 622 ҳазор нафар сайёҳон аз Ӯзбекистон ташриф оварданд, дар айни вақт 1 млн. 400 ҳазор нафар сайёҳони тоҷикистонӣ ба сайру тамошои Ӯзбекистон омадаанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ҚАДАМИ МУҲИМИ ТАЪРИХӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳоли ҳозир дар Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо ҷараёни навсозиҳо бомуваффақият давом дорад. Ин дигаргунсозиҳо ва таҳаввулоти бузург дар арсаи дунё, ба замони нав ҳамоҳанг зиндагӣ кардан таҳрири ҷиддии Қонуни асосиро тақозо намуд. Аз ин боис бо ташаббуси Президент аз оғози соли 2022 ғояи ба Конституция дохил намудани тағйирот ва таҳрир ба миён гузошта шуд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби аҳолии кишвар беш аз 220 ҳазор пешниҳодот ба комиссияи конституционӣ расиданд. Дар аснои таҳияи Қонуни конституционӣ беш аз 400 ҳуҷҷати СММ, САҲА, СҲШ, Созмони давлатҳои туркӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, конституцияи қариб 190 давлати дунё мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифт. Лоиҳаи қонуни конституционӣ бо иштироки васеи коршиносон ва мутахассисони хориҷӣ чанд маротиба муҳокима шуд, аз 10 экспертиза гузашт, онҳо низ ин лоиҳаро маъқул донистанд.

Дар лоиҳаи қонун оид ба мақоми ҳуқуқии давлати Ӯзбекистон меъёрҳои қатъӣ дохил карда шудааст. Бори аввал дар Конституция давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ будани Ӯзбекистон ҳамчун қоидаи тағйирнопазир мустаҳкам карда шудааст. Ин меъёр ба идома додани ислоҳоти ба усулияти «Барои қадри инсон» асосёфта ва таъмини бартарию устувории қонун нигаронида шудааст. Ӯзбекистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳамсоягии нек ва ҳамкории стратегӣ содиқ хоҳад монд.

Сенаторон осон набудани «об кардани ях»-ро, ки дар муносибатҳояшон бо ҳамсоягон тӯли 25 сол вуҷуд дошт ва ин сиёсат идораи бузурги сиёсӣ тақозо карданашро таъкид карданд. Танҳо дар натиҷаи ҳаллу фасли муаммои сарҳад бо Қирғизистон дар тӯли 30 сол ба беш аз 2 миллион нафар аҳолии водӣ имкон дод, ки аз ҳоли наздикон ва хешу таборашон озод хабар гиранд.

Моҳияти асосии Конституцияи ҷадидро бар дӯши давлат гузоштани ӯҳдадорию вазифаи олии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил медиҳад.

Дар лоиҳаи қонун меъёрҳои оид ба ҳуқуқи инсон бар асоси принсипи «инсон – ҷомеа – давлат» қариб 3,5 баробар зиёд шудааст. Хусусан, ҳуқуқу озодиҳои ҳар касе, шахсе, масалан сир доштани маълумот дар бобати мукотиба, дахолатнопазирии шахсӣ, дар мавриди гуфтугӯйи телефонӣ, почта, хабарҳои электронӣ, танҳо бар асоси қарори суд ин ҳуқуқ маҳдуд шуданаш ва дигар нормаҳое, ки дахолатнопазирии ҳуқуқи шахс ва монанди инҳо ҳамчун нормаи муҳим дохили ин лоиҳа шудаанд.

Аз тарафи давлат фароҳам намудани истифода аз шабакаи ҷаҳонии Интернет барои аҳолӣ бори нахуст дар Конституция муқаррар шудааст.

Дар лоиҳа нишонаҳои давлати иҷтимоӣ, ки мақсад аз он таъмини адолати иҷтимоист, ифода ёфтааст.

Дар Конституцияи таҳриршуда инчунин дигар ӯҳдадориҳою вазифаҳои давлати иҷтимоӣ оид ба такмил додани таъмини шуғли аҳолӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи ҷавонон, мақоми сохтору институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳаи ҳуқуқ баён ёфтаанд.

Аҳолии Ӯзбекистон чуноне ки дар оғози мақола гуфтем, касирулмиллат аст. Дар моддаи 4-уми Конституция зикр шудааст, ки «Забони давлатии Ӯзбекистон забони ӯзбекист. Ҷумҳурии Ӯзбекистон эҳтиром намудани забон, расму оин ва анъанаҳои қавму миллиятҳоеро, ки дар қаламрави он истиқомат доранд, таъмин мекунад, барои инкишофи онҳо шароит фароҳам меоварад».

Яъне, барои равнақи анъанаҳои миллӣ, забон ва маданияти намояндагони беш аз 130 миллати маскуни Ӯзбекистон шароит фароҳам оварда мешавад. Қобили қайд аст, ки барои тоҷикони Ӯзбекистон дар кишвар ба забони модариашон дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳо рӯзномаҳо, маҷаллаи адабии «Дурдонаи Шарқ», инчунин барномаҳои телевизиону радио, дар пойтахт ва маркази чандин вилояту ноҳия марказҳои миллию фарҳангии тоҷикон амал мекунанд.

Хулласи калом, таҳрири нави Конституция барои мустаҳкам намудани пояҳои давлати ҳаҚиқии мардумпарвар, ки таъмини зиндагии осоишта ва хуби мардум, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, қадру қиммати онро кафолат медиҳад. Ва барои ба сатҳи нав баромадани рушди Ӯзбекистони Нав санади муҳимтарини ҳуқуқӣ шуда хидмат менамояд. Тибқи қарори Сенати Олий Маҷлис «Дар бораи гузаронидани референдуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба лоиҳаи Қонуни Конституцияви перомуни Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» 30-юми апрели соли 2023 дар мамлакат референдум баргузор мешавад.

Агар ин Қонуни конституцияви ба воситаи референдум бо иштироки аксарияти аҳолӣ қабул шавад, мамлакат, аҳолии он ояндаи дурахшони зиндагиро умедворанд, зеро Конституция замонати ҳуқуқии рушди ҳар як кишвар аст.

**Шоҳаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон.**

# ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ ДАР ОЯНДА БА МИНТАҚАИ БУЗУРГИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ХАБИ ЛОГИСТИКӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ин ҷо маҳсулоти дорувории дар вилояти Сирдарё истеҳсолшуда намоиш дода шуд.

Имрӯз Сирдарё дар рейтинги саноати дорусозиаш ривоҷёфта яке аз ҷойҳои пешқадамро ишғол мекунад. Дар соли 2022 аз ҷониби 21 корхонаи дорусозии минтақа беш аз 317 намуди маҳсулот ба 393,8 миллиард сӯм истеҳсол карда шуда, содирот ба 3,3 миллион доллар иҷро гардид.

Дар ин ҷо маросими ба кор андохтани 6 корхонаи нав барпо гардид. Инҳо ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Ривер Мед Фарма», «Евразия газ бетон», «Модерн Марбел», «Пенг Шенг Чарм» дар ноҳияи Сирдарё, «Тошкент сити голд блок» дар ноҳияи Сайҳунобод ва «Интер Трейдинг груп» дар шаҳри Янгиер мебошанд. Рохбарони онҳо дар бораи имкониятҳои худ тавассути пайвандӣ видеоӣ нақл карданд.

Зимнан зикр гардид, ки «Ривер Мед Фарма» дар як сол 42 миллион адад доруи инфузиявӣ истеҳсол намуда, 250 нафарро бо ҷойи кор таъмин хоҳад кард.

«Евразия газ бетон» ба истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ махсус гардонда шудааст. Дар ин ҷо аз рӯйи технологияи Голландия 450 ҳазор метри мукааб газобетон истеҳсол карда, 100 ҷойи кор ба вуҷуд оварда мешавад.

«Модерн Марбел» дар як сол 800 ҳазор метри мураббаъ плитаҳои мармарӣ истеҳсол карда метавонад.

«Пен Шенг Чарм» имконе тавлиди 1,5 ҳазор метри мураббаъ пӯсти табиӣ ва 468 тонна желатинро дорад. Қисми зиёди ин маҳсулот ба содирот пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаҳои «Тошкент сити голд блок» ва «Интер Трейдинг-груп» пурра аз ҳисоби сармояҳои бевоситаи хориҷӣ татбиқ карда шудааанд. Корхонаи якум қодир аст дар як сол 300 ҳазор метри мукааб газоблок, дуюм — 45 ҳазор тонна орд истеҳсол кунад.

Дар маҷмӯъ, дар ин корхонаҳо ҳудуди 600 ҷойи корӣ таъсис дода шуда, ба шарофати фаъолияти онҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар вилоят 37 миллиард сӯм, содирот қариб 30 миллион доллар зиёд мешавад.

Президент Шавкат Мирзиёев тугмаи рамзиро пахш карда, корхонаҳои навро ба кор даровард.

Сарвари давлатамон бо намояндагони васоити ахбори омма низ суҳбат кард.

Президент Шавкат Мирзиёев ба мактаби эҷодии ба номи Ҳалима Худойбердиеваи Гулистон ташриф овард.

Бо ташаббуси сарвари давлатамон дар сартосари кишвар ҷиҳати абадӣ гардондани арбобони барҷастаи фарҳангӣ ва ошноии ҷавонон бо мероси онҳо корҳои васеъмиқёс анҷом дода мешаванд. Ҳамин тариқ 9 мактаби эҷодӣ, аз он ҷумла ба номи Абдулло Қодирӣ дар шаҳри Тошканд, Иброҳим Юсупов дар Нукус, Абдулло Орипов дар Қаршӣ ташкил карда шуданд.

Зодаи вилояти Сирдарё, шоири халқии Ӯзбекистон Ҳалима Худойбердиева бо истеъдоди нотакрор, ашори аз ҷиҳати бадеию фалсафӣ ғанӣ, асарҳои публитсистии худ дар пешрафти адабиёти ӯзбек ҳиссаи калон гузоштааст.

Дар рафти сафар ба вилояти Сирдарё соли 2019 Шавкат Мирзиёев то ки номи шоираи марҳум абадӣ гардонда, барои ҷавонони боистеъдод шароит фароҳам оварда шавад, ташкил кардани мактаби эҷодиро пешниҳод намуда буд. Пас аз ин, қарори дахлдори Девони Вазирон қабул гардида, моҳи декабри ҳамон сол мактаб ба истифода дода шуд.

Сарвари давлат ба пояи мучассамаи Ҳалима Худойбердиева дар назди даромадгоҳи мактаб гул гузошта, аз осорхонаи хурди ба ҳаёт ва фаъолияти шоира бахшидашуда дидан кард. Хонандагони мактаб аз шеърҳои ӯ намунаҳо хонданд.

Дар мактаби эҷодӣ дар баробари фанҳои таълими умумӣ забони модарӣ ва адабиёт чуқур омӯзонда мешавад. Дар айни ҳол дар ин ҷо 180 нафар писарону духтарони боистеъдод таҳсил мегиранд. Синфхонаҳо, утоқи компутерӣ, лаборатория, толори варзишӣ ва хобгоҳ замонавӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст. Китобхонаи мактаб зиёда аз 3,5 ҳазор китобҳои бадеӣ дорад.

Дар суҳбат бо омӯзгорони мактабҳо ва намояндагони зиёиён дар бораи сифати таълим, ислоҳот дар соҳа сухан рафт.

– Мо аз рӯзҳои аввал барои беҳтар гардондани сифати таълиму тарбия, баланд бардоштани мақом ва нуфузи омӯзгор саъю кӯшиш дорем. Меъёрҳои дахлнок дар Конституция низ мустаҳкам карда мешаванд. Худи шумо мебинед, ки замон торафт мураккаб мегардад. Мо кай ба рақобат муносиб мешавем? Агар мо соҳибмаълумот бошем. Маҳз аз ин рӯ мо мазмуни таълимро ислоҳ карда, барои ҷавонон шароит фароҳам меорем. Солҳо мегузаранд, муҳит дигар мешавад. Вале халқи мо натиҷаи таҳкурсие, ки имрӯз гузошта шудааст, албатта хоҳад дид. Аз сафи ҷавонон боз Бухорӣ, Берунӣ, Улуғбекҳо пайдо мешаванд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Оид ба вобаста намудани донишгоҳҳо ба мактабҳои эҷодӣ, васеъ гардондани ҳамкории онҳо бо дигар мактабҳои вилоят, нашри китобҳои ҷавонони боистеъдод дастурҳо дода шуданд.

Бо ҳамин сафари Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба вилояти Сирдарё ба охир расид.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Шухрат СУЯРОВ,**
**мухбирони ӮзА.**

*Неругоҳи барқи ҳароратӣ:*

# ИҶРОИ НАҚША ТАЪМИН ВА ВАЗИФАҲОИ СОЛИ НАВ МУАЙЯН ШУДАНД

***Ҳар сол дар ҳамин давра Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳи барқи ҳароратӣ» бо ширкати шахсони масъули идораи марказӣ, аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иҷрои нақшаи соли гузашта ва вазифаҳои соли навро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Чорабинии навбатии ҶС НБҲ бар асоси фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагии таъмин намудани фаъолияти ошкорои ниҳодҳо ва ташкилотҳои давлатӣ» аз 17 июни соли 2021 ба вуқӯъ пайваст.***

Маълум карда шуд, ки ҳаҷми тавлиди барқи ҳароратӣ ва энергияи гармӣ соли сипаришуда 17,9 триллион сӯмро ташкил намудааст ва нақшаи солона 103,8 фоиз иҷро шудааст. Дар ин бобат аз рӯйи ҷамъбасти соли гузашта ба системаи ягонаи энергетикӣ 55,5 миллиард кВт/соат неруи барқ ва 5,35 миллион Гкаллория энергияи гармӣ интиқол ёфтааст.

Бо мақсади беҳтар кардани вазъи молиявии шабака, баланд бардоштани самаранокии амалиёт ва ташкили системаи идоракунӣ дар асоси принсипҳои эътирофшудаи ҷаҳон ширкатҳои консалтингии байналмилалӣ ҷалб карда шудаанд. Мутаносибан дар баробари таъмини истеъмолкунандагон бо захираҳои устувори энергетикӣ, пешгирии болоравии нархи қувваи барқ ва гармӣ, кам кардани сарфи сӯзишворӣ, инчунин таъмини самаранокии кор ба ҷорӣ намудани технологияи хеле мукаммал ва каммасраф вобаста мебошад.

ҶС НБҲ дар доираи 6 лоиҳа тибқи барномаи сармоягузорӣ 256,3 миллион доллари ИМА-ро азхуд кард ва дар ин замина низ нақшаи солонаи муқаррарӣ гардида 111,9 фоизро ташкил намуд.

Боиси ифтихор аст, ки дар соли 2022 оҷонсии рейтингии ИМА «Fitch Ratings», ки ба гурӯҳи «сегонаи бузург» дар ҷаҳон шомил аст, рейтинги байналмилалии индикативии ҶС НБҲ-ро дар сатҳи «ВВ»-«Барқарор» арзёбӣ кард. Рейтинги мазкур ҶС НБҲ-ро ҳамчун корхонае муаррифӣ мекунад, ки дар бозорҳои сармоягузории ҷаҳонӣ стратегияи возеҳ ва шаффофи бизнес, вазъи молиявии шаффоф ва системаи қавии идоракунии корпоративиро соҳиб мебошад.

Ҷамъияти саҳҳомии НБҲ ба сиёсати кадрҳо диққати махсус медиҳад. Барои ҳамин дар асоси «Харитаи роҳ» барои соли 2022 оид ба бозомӯзии кормандон, баланд бардоштани тахассуси онҳо дар хориҷи кишвар беш аз 100 нафар корманд ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Соли равон 123 ҷойи нави холиро хатмкунандагон-мутахассисони ҷавон ишғол намуданд.

Барои маълумот қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҶС НБҲ ва филиалҳои он ҳудуди 12 ҳазор нафар коргарон фаъолият доранд. 2 ҳазору 65 нафари онҳоро занон ва 2 ҳазору 175 нафарашонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

**Муҳаммадҷон БЕКМУҲАММЕДОВ,**
**котиби матбуоти Ҷамъияти саҳҳомии НБҲ.**

*Рӯзҳои охир насб намудани панелҳои офтобӣ дар муассисаву ташкилот ва идораҳои давлатии вилояти Қашқадарё ба ҳукми анъана даромадааст.*

# ИСТИФОДАИ НЕРУИ «САБЗ» ДАР ҚАШҚАДАРЁ

Ҳокимияти вилоят, шаҳру навоҳӣ, идораҳои мухталифи давлатӣ ва муассисаҳои ғайридавлатӣ ба ин шакли неруи алтернативии истеҳсол ва истеъмоли барқ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар боми биноҳои худ панелҳои обтобӣ насб месозанд. Истифодаи неруи барқи панелҳои офтобӣ бо пешниҳод ва ташаббуси Президент дар саросари Ӯзбекистон ҳамовозӣ пайдо кард ва ҳамчунин неруи «сабз»-и ба муҳити зист безиён эътироф шуда, як қисми талаботи бозори истеъмолии неруи баркро дар кишвар таъмин месозад. Ин шакли ҷойгузини неруи барқ дар ҳоле тарғиб мегардад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ниёзи бештаре ба неруи барқ эҳсос мекунад ва пайваста роҳҳои мақбул ва ба табиату муҳити зист бехавфро ҷустуҷӯ менамояд. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон кайҳост, ки истифода аз неруи боду офтоб дар амал татбиқ шудааанд. Бояд таъкид кард, ки давлатҳои Ғарб аз неруи «сабз» ба таври фаровон истифода карда, намунаи ибрат шудаанд.

Мутахассисон муҳити Ӯзбекистонро дар истеҳсоли неруи «сабз» мусоид медонанд ва аз ин рӯ, Президент сохта ба истифода додани неругоҳҳои обтобиро тарафдорӣ карда ва ҳатмӣ шуморидааст. Ӯзбекистон кишвари офтобӣ мебошад ва то ин дам аз ин сарвати табиии худ ба таври бояду шояд истифода намекард.

Насб намудани панелҳои офтобӣ ҳам як рукни ташаббуси Президент аст, ки минбаъд аҳолии моро бо неруи арзони барқ таъмин хоҳад намуд. Рушди рӯзафзуни иқтисодиёт ва дар ҳамин асос беҳбуд бахшидани шароити зисти мардуми кишвар водор месозад, ки мо аз роҳҳои босамари ҷойгузини (алтернатив) истеҳсоли барқ истифода бикунем.

Ин аст, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё насб намудани панелҳои обтобӣ ҳаводорони худро пайдо кардааст ва бо тарғиби мақомот мардум ҳам ба насби ин панелҳо дар хонаҳои худ таваҷҷуҳ зоҳир месозанд. Бо даъвати ҳокими вилоят Муродҷон Азимов ҳокимони ноҳияҳо дар боми хонаҳои худ панелҳои обтобӣ насб намуданд, то ба бошандагони дигари қаламрав намунаи ибрат шаванд. Интизор меравад, ки минбаъд дар хонаҳои мардум насб намудани панелҳои офтобӣ зина ба зина дар амал татбиқ хоҳад гашт.

Аммо ҳоло тамоми ташкилоту муассисаҳо вазифадор гаштаанд, ки ташаббуси Пезидентро дар бобати истифодаи неруи алтернативӣ ба таври бояду шояд иҷро кунанд. Ин амал ба сарфа намудани неруи барқ, ки ба ривоҷи иқтисодиёт зарур аст, мусоидат хоҳад намуд.

Дар ноҳияи Яккабоғ дар ин замина корҳои хубе иҷро шудаанд. Коргоҳҳои ин қаламрав кайҳо ба истифодаи неруи ҷойгузин азм намуда, панелҳои офтобӣ насб намудааанд. Панелҳои обтобӣ ҳоло дар мактабҳо низ мавриди истифода қарор мегиранд. Ду мактаби ин ноҳия – рақамҳои 68 ва 103 минбаъд ниёзи худро аз неруи барқи тавассути панелҳои офтобӣ истеҳсолшуда таъмин хоҳанд кард. Инчунин дар ноҳияи мазкур нурафканҳои қади роҳ бо панелҳои офтобӣ кор мекунанд. Ноҳияи Яккабоғ то соли 2026 дар маҷмӯъ 30 дарсади талаботи худро аз неруи барқе қонеъ хоҳад намуд, ки бо роҳи алтернативӣ истеҳсол шудааст.

Қобили зикр аст, ки то ин дам панелҳои офтобӣ аз хориҷи кишвар ворид мегаштанд. Ҳоло талаботи рӯзафзуни бозори дохилии кишварро ба инобат гирифта, дар шаҳри Қаршӣ бо ҳамкории мутахассисони чиноӣ як корхонаи муштараке сохта шудааст, ки ба истеҳсоли панелҳои офтобӣ ихтисос дорад. Ширкати «XUTU ELESTRISITY TECHNOLOGY»-и Чин бо ифтитоҳи коргоҳи муштарак яки «SU SUN SOLAR» дар шаҳри Қаршӣ ба истеҳсол ва насби панелҳои офтобӣ оғоз кард. Ин ширкат нақша дорад, ки солона ба микдори бештар аз 100 миллион доллар маҳсулот истеҳсол карда, ниёзи бозори дохилии қаламрав ва берун аз онро таъмин намояд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

**7 апрел – Рӯзи байналмилалии саломатӣ**

# «САЙРИ САЛОМАТӢ» ДАР НОҲИЯИ ВОБКАНД

***Мувофиқи фармоиши вазири ҳифзи тандурустӣ А.Иноятов бо мақсади зиёд намудани самаранокии кор бобати пешгирии бемориҳо ва ташаккулдиҳии тарзи солими зиндагӣ байни аҳолӣ дар муассисаҳои тиббии мамлакат моҳонаи «Сайри саломатӣ» идома дорад. Бинобар ин, дар ҳудудҳо назорати тиббии профилактикӣ, барномаҳои скринингӣ, тадбирҳои солимгардонӣ ба амал меоянд.***

Бо ин роҳ чораю тадбирҳои барои муолиҷагирӣ ҷалб намудани беморони мӯҳтоҷи дастгирии иҷтимоӣ ва онҳое, ки ба маризии доимӣ гирифтор ҳастанд, дида мешавад. Шаҳрвандони солхӯрдае, ки мӯҳтоҷи нигоҳубини дигаронанд ва ногироёнро мутахассисон ба манзилашон рафта аз муоина мегузаронанд.

Ба муносибати 7-апрел – Рӯзи байналмилалии саломатӣ дар ҳудудҳо муоинаи оммавии шаҳрвандон сурат мегирад.

Чунин тадбир дар ноҳияи Вобканд ба амал омад. Дар ин азназаргузаронӣ, ки дар поликлиникаи марказии ноҳия баргузор гардид, беш аз даҳ нафар шифокорони марказҳои ихтисосонидашудаи тиббии ҷумҳурӣ, духтурони пуртаҷрибаи беморхонаҳои вилоятӣ ва омӯзгорону профессорони Институти давлатии тиббии Бухоро аҳолиро бемузд муоина карданд. Дар чорабинӣ 542 нафар аҳолӣ иштирок намуд. Дар натиҷа ба 414 нафари онҳо ёрии амбулаторӣ ва ба 7 нафар кумаки статсионарӣ расонда шуд. Ба 5 нафар бемор барои муолиҷа дар муассисаҳои тиббии вилоятӣ роҳхати имтиёзнок дода шуд. Аз ҷумла, ба сокини маҳаллаи Чармгарон Раҳмон Искандаров ба шуъбаи бемориҳои лор, Мунира Қаҳрамонова (маҳаллаи Кумушкент) ба шуъбаи аллергология, Нозим Давлатов (маҳаллаи Кӯлихатиб) ба шифохонаи маризиҳои чашм, Усмон Рачабов (маҳаллаи Чӯрикалон) ба беморхонаи дил, Шаҳодат Сайфиева (маҳаллаи Кумушкент) ба шуъбаи ревматология ордери муолиҷагирӣ супорида шуд.

7 нафар беморе, ки ба маризии нисбатан вазнинтар гирифтор гаштаанд, дар шуъбаҳои реаниматсия, ҷарроҳӣ ва бемориҳои дарунӣ хобонда шуданд.

Дар ҷараёни «Сайри саломатӣ» мардум аз тадбирҳои тарғиботӣ низ баҳраманд гардиданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ҲАМ РӮЙИ ЗАМИН ВА ҲАМ ЗЕРИ ЗАМИН – МАВРИДИ ИСТИФОДА

***Аз ҳар қадам ҷойи холӣ, хусусан дар шаҳрҳо, бояд самаранок истифода кард. Дар пойтахт низ ҷойҳое, ки холӣ ҳобидаанд, торафт кам мешаванд. Ҳатто ба зери замини эстакадаҳои метрополитени Тошканд дар ноҳияҳои Яшнобод ва Сергели, ки хати метрои онҳо дар рӯйи замин гузаштааст, автомобилгоҳҳо барпо карда мешаванд.***

Се сол қабл аз ин лоиҳаи ба иҷора додани зери эстакадаҳои метрополитенро ҳокимияти ноҳияи Яшнобод тақдим намуда буд. Маълум гашт дар 4 км дарозии хати метро, ки аз ноҳияи Яшнобод мегузарад, ҷои холӣ мавҷуд. Дар ин ҷо барпо кардани ҳудудҳои сабз, автомобилгоҳҳо, шохобчаҳои савдо ва хидматрасонӣ мувофиқи мақсад мебошад. Назар ба маълумотҳо, дар зери хати метрополитени Берлин (Олмон), ки аз рӯйи замин мегузарад, қаҳвахона, сартарошхона, дорухона ва ғайра мавриди истифодаанд. Ба кор бурдани таҷрибаи олмониҳо аз манфиат холӣ нест.

### МАҚСАД – ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БА МАНЗИЛ

***Дар ноҳияи Зангиатои вилояти Тошканд барномаи «Аввалин хонаи ман» ба амал татбиқ карда мешавад. Дар доираи он барпои 58 манзили бисёрошёна барои 2,5 ҳазор оила ба нақша даромадааст.***

Дар ҳузури Вазорати сохтмон ширкати махсуси хонаву ҷой созмон меёбад. Қарор шудааст барои бунёди манзилгоҳҳо аз ҳудуди ноҳияи Зангиато 36 гектар майдон ҷудо карда шавад.

Вазорати сохтмон ва ҳокимияти вилояти Тошканд вазифадор шудаанд дар муддати кӯтоҳ «мастернақша»-и шаҳрчаи «Аввалин хонаи ман»-ро ҷамъбаст ва онро ба муҳокимаи ҷомеа ҳавола намоянд.

### БАРПОИ РОҲИ НАВ БА ҶАВПАЯ

***Мавзеи Ҷавпая воқеъ дар ноҳияи Сӯх торафт обод мешавад. Дар пешбурди корҳои ободониву хуррамсозии ин мавзеи дар собиқа бекорхобида аҳолии деҳаи Ғазнов низ фаъолона иштирок мекунанд ва аз он даромад меёбанд.***

Вале ғазновиёнро лозим меомад ба Ҷавпая ба воситаи деҳаи Қалъача раванд. Дурии роҳ мушкилот тавлид мекард. Ҳоло ба ҳодимони идораи роҳсозии ноҳия супориш дода шудааст роҳи наве барпо созанд, ки Ҷавпаяву Ғазновро ба ҳам пайвандад. Дарозии роҳ 3 километр аст. Барои ин қулайӣ яке аз сокинони маҳалла аз номи ҳама ба ҳокимияти ноҳия номаи миннатдорӣ ирсол намуд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*9 апрел — зодрӯзи Амир Темур*

# СОҲИБҚИРОН — ОЙИНАИ ТАЪРИХ

Дар Донишкадаи сохтмону муҳандисии Наманган бо ташаббуси Маркази ахбору захираҳои вилоят бахшида ба 687-солагии Амир Темур чорабинӣ таҳти мавзӯи «Фактҳо доир ба Амир Темур: оё шумо ҳам медонед?» баргузор гардид. Дар чорабинӣ ҷонишини якуми кор бо ҷавонон ва корҳои маънавию маърифатии институт О. Ҷакбаров, дотсенти кафедраи математика О. Эгамбердиев, мудири кафедра А. Ҷӯраев, номзади фанҳои таърих, дотсент С. Каримбоева, номзади фанҳои таърих Б. Аббосов ва муаллими калон Б. Исҳоқов иштирок намуда, доир ба ҷавонии Амир Темур, идоракунии давлати адолатнок, инчунин дар бораи асари «Тузукоти Темур» маълумот доданд.

Нафақат дар Ӯзбекистон, балки дар давлатҳои хориҷӣ низ доир ба ҳиссаи бузурги Темуриён дар тамаддуни ҷаҳонӣ асарҳо офарида шуда истодааст, тадқиқотҳои илмӣ беш аз пеш рӯйи кор меоянд. Таъкид гардид, ки осори Амир Темур – ҳамчун намунаи шуҷоат, мардонагӣ ва адолат дар ташаккули маънавияти халқ ҳиссаи бузург дорад.

Бо ташаббуси мудири шуъбаи хидмати ахбору захираҳои китобхона Норинисо Ғойибназарова намоиши китоби «Соҳибқирон Амир Темур – ойинаи таърих» баргузор гардид. Тақдимоти видеоролик бахшида ба ҳаёт ва осори Амир Темур, ки аз ҷониби мудири шуъбаи ахбору захираҳои электронӣ М. Мадраҳимова тайёр карда шудааст, ба ҳозирон шавқи зиёд бахшид.

**Фирӯза ҚАЮМОВА,**
**директори маркази ахбору захираҳои ДСМН,**
**Муяссархон МАДРАҲИМОВА.**

МАЪНАВИЯТ ВА МАЪРИФАТ – ҚУВВАИ БУНЁДГАР

# БЕСАВОДӢ АЗ БЕКОРӢ ПАЙДО МЕШАВАД

***Алъон дар муқобили ихтироъҳои асри иттилоотӣ як қатор кишварҳои дунё дар ташвиш мебошанд. Ба интернет дода шуда, ба мутолиаи китоб фурсат ёфта натавонистани ҷавонон, ҳатто дар ин бобат фикр накардани онҳо, воқеан, нигаронкунанда аст. Дар пешгирӣ кардани ин ҳолат таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда ба кор омаданаш мумкин.***

Дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта қисми зиёди аҳолии давлатҳои Аврупо ва Амрико ба мушкиле дучор омад, ки онро «бесаводии функсионалӣ» меномиданд. Ин чӣ аст? Навъе ЮНЕСКО таъкид месозад, ин мафҳум нисбати шахсоне кор фармуда мешавад, ки малакаи навишт ва мутолиаро то дараҷае гум кардаанд. Бо мақсади пешгирӣ сохтани ин вазъ соли 1990 бо ташаббуси ЮНЕСКО Соли байналхалқии саводнокӣ эълон шуда буд. Зеро қисмате аз мамлакатҳои дунё ин ҳолати ташвишомезро аз сар мегузаронд. Аз ҷумла, дар ибтидои солҳои 90-ум аз чаҳор як қисми аҳолии Канада бесаводи функсионалӣ шуморида шуд. Дар Фаронса соли 1996 ба 20 фоизи аҳолии қобили меҳнат ин гуна ташхис гузошта шуда буд. Назар ба фикри олимони фаронсавӣ, одамҳое,ки бесаводи функсионалианд, назар ба пояҳои иқтисодии мамлакат ба рушди фарҳангию маънавӣ бештар осеб мерасонанд. Ин қабил шахсон бинобар дар мактаб саводи хуб набаровардан, аз муассисаҳои фарҳангӣ истифода накардан, китоб нахондан ва сабабҳои дигар пайдо мешаванд. Ин қабил одамон ба китобхонӣ ё вақт намеёбанд ё хоҳиши китобхонӣ надоранд. Ва ё чунин меҳисобанд, ки аз мутолиа суде нест. Китобхонӣ ба назарашон бисёр машаққат менамояд.

Дар миёнаи солҳои ҳаштодум байни ҷомеаи васеъ масъалаи «инқирози мутолиа» миёни бачаҳо ва наврасон низ мавриди муҳокима қарор гирифта буд.

Бобати пурмазмун гузаронидани вақти холии бачаҳо телевизион ва ВАО-и Олмон (интернети ҳозира) пешсафиро ба даст гирифт. Китобхонӣ ба дараҷаи дувум фуромад, аниқ гашт, ки ҳар савумин наврас бесаводи функсионалист. Дар Фаронса аз ду толибилм як нафараш муаллифи «Се мушкетдор»-ро гуфта натавонистааст. Дар Англия низ пастшавии дараҷаи китобхонӣ ҳис мегашт. Мутолиа дар нимаи дувуми солҳои навадуми асри XX дар Аврупои Шарқӣ ва Полша, айни вақт, ба мушкилот дучор гашт.

Дар солҳои ҳаштодум бошад, маълум гашт 17 фоизи ҷавонон дар ИМА ба инқирози чаласаводӣ мубтало шудааанд. Сабаби асосии инро аз зиёд шудани миқдори телеканалҳо донистанд. Хусусан, байни хонандагони синни калони мактабӣ ин нишондиҳанда боло рафт. Ба олами виртуалӣ наврасон вобаста шуда, то 18 соат онҳо вақти худро дар муқобили Интернет мегузарондагӣ шуданд.

Аз ҷиҳати рӯҳӣ тобеӣ ба Интернет ба гиёҳвандӣ баробар дониста шуд. Назар ба тадқиқотҳои гуногун, ҳоло 10 фоизи аз Интернет истифодакунандагон ба ин гурӯҳ шомил буда, онҳо бемори рӯҳӣ ҳисобида мешаванд. Рӯҳшиносони рус ҷамъ 4-5 фоизи мизоҷони Интернетро узви ҳамин гурӯҳи хавфнок шумориданд.

Дар қисме аз кишварҳои рушдёфтаи Шарқ низ ин гуна ҳолат ба мушоҳида расид. Соли 1990 дар Ҷопон насли ҷавонро «тэрбико», яне «бачаҳои насли телевизион» номиданд. Чунки онҳо вақти зиёди худро дар муқобили оинаи нилгун мегузарондаанд.

Дар бист-сӣ соли охир дар бисёр мамлакатҳо дастгирии китобхонӣ ба масъалаи долузарб табдил ёфт. Дар Русия дастури миллӣ барои солҳои 2007-2020 қабул гашт. Дар вазъе, ки назар ба меъёрҳои ЮНЕСКО ҳар 1000 нафар ба ҳисоби миёна ба 250 дона адабиёти нав бояд таъмин гардад, ин нишондиҳанда дар Русия аз 100-150 дона китоб нагузашт. Сабаби ин ҳолатро дар пастшавии дараҷаи зиндагӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, душвориҳои давраи гузариш дидааанд. Воқеан, дар ибтидои солҳои духазорум дастрассозии адабиётҳои нав хеле сусту гашт, китобхонаҳо бе адабиёти нав монданд ва ҳатто баста шуданд. Баробари ҳамин бо номи «матбуоти зард» нашрҳои «ҳангоматалаб» паҳн шуданд, чопхонаҳо бо савияҳои гуногун арзи ҳастӣ карданд, телеканалҳои кабелӣ пайдо шуданд. Дар даҳ-понздаҳ соли охир бошад, сохтори Интернет васеъ доман густурд, телефонҳои мобилии русуми охирин ба воситаи муҳими вақтхушии ҷавонон табдил ёфтанд. Ин ҳолат хусусан дар ҷойҳои мо боиси ташвишу нигаронӣ гардид. Аз китоб ва мутолиа дур шудан ба чӣ гуна оқибатҳо меоварад?

(Давомаш дар саҳ.4).

Зикри хайр

# «КИТОБҲО БӮЙИ БОБОМРО ДОРАНД»

Солҳои охир чун дар кӯчаҳои Тирмизшаҳр медидамаш, дар олами худ фурӯ рафтаву андешаманд мегашт. Ҷузвдони пур аз китобу дафтар зери каш чида-чида қадам мегузошт. Ӯро гоҳ ба самти хонааш равон медидам, гоҳе рӯ ба ҷониби коргоҳ. Аз чӣ меандешид ӯ? Магар ғуссае дар дил дорад? Ё ноамние дар оилааш рух додаву вайро ин тавр ба гирдоби андеша кашидааст? – дар ҳайрат мепурсам аз худ. На, на. Аз сурати босалобаташ, либоси шинами озодааш, сурхии рӯю пуррагии ҷисмаш... ҳувайдо буд, ки аз хайли шикастаҳолон нест. Ман хеле хуб медонистам, ки муаллим Нарзулло Сафармаҳмадов зиндагии осудае дошт, шукр, дар ин шаҳри садранг сарпаноҳеро соҳиб буд, дасторхонаш ҳам аз нон пур, фарзандонаш қобил ва мудом дар ҷустуҷӯйи илму ирфон ҳастанд... Пас, чаро ин марди бовиқор пайваста дар тафаккур ғӯтавар аст? – боз мепурсидам аз худ.

Вақте дар хонаи дӯстам Носирҷон Қурбонназаров як гурӯҳ ҳамдилон ҷамъ омадем, муаллим Сафармаҳмадов низ омад.

– Агар ёрони ҳамдам намебудед, ман намеомадам, – гуфт муаллим бо ханда. – Дар ин шаҳр ҳамдилони ман каманд.

Суҳбати мо то дери шаб давом кард. Ба муаллим ду мачмӯаи қаламиҳои худро ҳадя намудам. Чунон хурсанд шуд, ки гӯё як ҷаъба зар дода бошам. Ман то ҳол одамеро надида будам, ки китоберо ба туҳфа гирифта, ин қадар шод шуда бошад. Мо машғули суҳбату вай ноаён китобҳоро саҳифа мегардонд. Варақ задани ӯ ҳам аҷиб буд – чунон бо назокат, дар ҳадди меҳрубонӣ ин амалро ичро мекард, ки гӯё тифли навзодеро ба даст гирифта бошад, ё ягон асари атиқаи санъат буд, ки бас эҳтиёт мешуд, то осеб набинад. Баъд шукуфон аз киса чанд сӯм баровардаву ба ман дароз кард:

– Ҳаминро гиред, додарҷон, – гуфт аз сидқи тамом. – Хеле заҳмат кашидагӣ шумо.

– Гиред, аз они муаллим табаррук, – ҳайрати маро ба мушоҳида гирифта, таҳрик доданд дӯстон.

Табассум дар лаб:

– Туҳфаро намефурӯшанд, – гуфтам ман беозор.

– Қурбонатон шавам, – чаманвор шукуфт муаллим. – Набошад, соядасте нависед.

Навиштам: «Ман фидои инсоне, ки китоб хурсандаш мекунад!»

Ин тавр, он шаби нек суҳбати мо гул кард. Дар миён баҳси китобу дафтар буд, баҳси миллату забон рафт, баҳси илм буду ирфон... Ман шунаванда будам. Гоҳ-гоҳ бо суоле баҳсро доман зада, суҳбатро гарм мекардам...

Дар ҷараёни суҳбатҳо фаҳмидам, ки чаро муаллим якзайл побанди андешаҳо будааст. Вай ҳамсӯҳбати лоиқе наёфта, ҳама гапи худро дар дил хазина мекардааст. Китобро аниси худ қарор дода, ба ин мӯъҷизаи инсонӣ зиёда меҳр гузоштааст. Дар хонаи сехучрадори худ он қадар китоб ҷамъ оварда, ки агар маблағи ба он сарфшударо ҷамъ меовард, шояд ба харидани чанд мошини хуб кифоят мекард. Аммо ба муаллим аз мошин дида, ҳамин китобҳо авлотар буданд. Аҷоиботи кор дар он аст, ки Нарзулло Сафармаҳмадов тамоми ин китобҳоро хонда буд ва агар андешае пайдо шуд, дар ҳошияи он дарҷ мекард. Таги ҷумлаҳои алоҳида бо қалам хат ҳам кашидагӣ – мурод ба фикри муаллиф розӣ аст, ё мутлақ онро қабул надорад.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Дар қасри санъати шаҳри Тирмиз ба муносибати Рӯзи байналхалқии саломатӣ «Сайри саломатӣ» баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ шифокорони ботаҷрибаи марказҳои тиббии ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ, мутахассисони фаъоли муассисаҳои тиббии вилоят аҳолиро аз санҷиши тиббӣ гузаронданд. Дар ҷараён ба саломатии куҳансолон ва бемороне, ки дар рӯйхати поликлиникаҳои оилавӣ ҳастанд, эътибори алоҳида дода шуд. Инчунин, модарони ҷавони кӯдакдор, фарзандони онҳо ба назорати пурраи тиббӣ ҷалб карда шуданд. Бо тавсияи шифокорон ба беморон аз ҷониби фонди хайрияи байналхалқии «Соғлом авлод учун» айнак ва 12 намуди воситаҳои доруву дармон ройгон супурда шуд.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

Туҳфаи Рамазон

# АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

## Фиқҳшиноси номвари олами ислом

**ПАНДУ НАСИҲАТ ВА ФАТВОИ АБУҲАФСИ КАБИР**

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Ӯ гуфт: «Ба қарздор додан беҳтар аст. Ба касе, ки қарздорро аз қарз раҳо месозад, ҷаннатро башорат кардаанд».

Хоҷа Имом Абуҳафси Кабири Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) гуфтаанд: «Гаронтар аз гуноҳи марди муъмине нест, ки маҳри занро намедиҳаду дар ин дунё чизе мехарад. Пас аз вафот қарзи ӯ дар гарданаш мемонад».

Дар боби «Ғайбат»-и китоби «Мукошафат-ул-қулуб» («Кашфи қалбҳо»)-и Абуҳомиди Ғаззолӣ аз панду андарзҳои Абуҳафс чунин иқтибос шудааст: «Касеро ғайбат кардан вазнинтар аз гуноҳи як моҳ надоштани рӯзаи рамазон аст». Ва боз Абуҳафс мегӯяд, ки «агар касе ғайбати олими фиқҳро кунад, дар рӯзи қиёмат дар пешонӣ бо навиштаҷоти «Ӯ аз раҳмати Офаридгор умед надорад» меояд.

***

Насиҳати зерини Абуҳафс низ ибратбахш аст: «Чунин амал сабаби камбағал гардидани инсон шуда метавонад: зери пой шудани нонреза, бо домон пок кардани рӯй, бенамозӣ, хоб кардан бо фарорасии шаб, рӯбучин накардани хона, нишастан дар остона, ношуста мондани зарфҳои ошхона, хӯрок хӯрдан бо дастҳои ношуста, бе таҳорат қироати Қуръон, бо ном даъват кардани волидон, бо дандон гирифтани нохун, бурида гузаштани роҳи куҳансолон».

***

Хоҷа Абуҳафс гуфтаанд: «Имон дувоздаҳ шарт дорад: мусоҳиба бо олимон, дурӣ аз фосиқ, об додан ба ташна, бохабар будан аз аҳволи бемор, меҳрубонӣ ба ятим, ба муросо овардани ду нафари ногап, хайру сахо ба дарвеш, шустани майит, ба канор гузоштани санги роҳ, пӯшондани айби муъмин, зиёрати Каъба, илм омӯзондан ба аъзои оила.

***

Дар мачмӯи масъалаҳои фиқҳӣ — китоби «Салоти Масъудӣ» ҳикояте ҳаст: Рӯзе Абуҳафс дар назди мардуми Бухоро ваъзхонӣ мекард, ки мусалмоне аз ӯ пурсид: «Эй Хоҷа, барои касе, ки дуои «Қунут»-ро намедонад ва дар намози витр ба ҷойи он «Қул ҳуваллоҳу аҳад»-ро мехонад, чӣ гуфта метавонед? Ӯ аз ӯҳдаи намози витр баромада метавонад ё на? Аз ӯҳдааш баромада метавонад, ҷавобан гуфт хоҷа.

Баъди чанд муддат Абуҳафси Кабир роҳи сафари ҳаҷро пеш гирифт ва вақте ба Бағдод расид, тӯтии қафасро дид. Тӯтӣ «Қул ҳуваллоҳу аҳад» ва дуои «Қунут»-ро беиштибоҳ мехонд. Ҳазрати Имом пас аз дарки чунин ҳолат чизи бо худ гирифтаашро ба ҳамсафарон тақсим кард ва гуфт: «Эй рафиқон, ман ба Бухоро бармегардам, кори зарур баромад».

Хоҷа ба Бухоро баргашт ва вақте аз ӯ мепурсиданд, ки сабаби аз сафар зуд баргаштани ӯ дар чист, ҷавобан мегуфт, ки «Як кори муҳим баромад» ва фармон дод, ки минбаре барпо кунанд. Ӯ ба минбар баромада гуфт, ки «Дар байни шумо он касе, ки ба ман бо суоли «агар мусалмоне дуои «Қунут»-ро надонад ва вақти намози витр ба ҷойи он «Қул ҳуваллоҳу аҳад»-ро хонад, аз ӯҳдаи намози витр баромада метавонад ё на?» – мурочиат карда буд, ҳозир аст? Он кас дар ин ҷо ҳозир буд ва гуфт, ки: «Ҳозир!».

Он гоҳ Хоҷа гуфт: «Иншооллоҳ, он намозҳое, ки хондаӣ, қабул мешавад. Аммо аз ин рӯз инҷониб кӯшиш ба харҷ бидеҳ, ки ба зудӣ дуои «Қунут»-ро азбар намоӣ. Дар Бағдод тӯтиеро дидам, ки «Қул ҳуваллоҳу аҳад» ва дуои «Қунут»-ро бехато мехонд. Тӯтӣ бо умеди шаккар ҷаҳд карда, «Қул ҳуваллоҳу аҳад» ва дуои «Қунут»-ро азхуд карда буд, шумо бошед, муъминед, ақлу ҳушатон дар ҷой ва болиғ. Ба шумо ваъдаи дидани биҳишт ва дидори Ҳақ таоло дода мешавад ва умеди халос хӯрдан аз дӯзах дар рӯзи қиёмат ҳаст. Пас чаро кӯшиш ба харҷ намедиҳед, ки дуои «Қунут»-ро азхуд намоед?.

***

Камоли илму маърифат аввал донистани чизи омӯхташуда мебошад. Он гоҳ маърифат дуруст мешавад.

***

Хазина махзани охират аст. Мо махзани охиратро пур кардаем.

***

Рӯзе навбати ваъзхонӣ ба Абуҳафси Кабир расид. Он рӯз борон меборид. Хоҷа ба минбар баромад. Амри маъруфи ӯ оиди таҳорат буд. Вақте гап бобати кашидани масҳ ба сар рафт, гуфт, ки «Бар сар кашидани масҳ фарз аст». Пиронсоле, ки аз деҳа омада буд, суол кард: «Эй имоми мусалмонон! Ман кашидани масҳро ба сар фарз намешуморидам. Аз ин сабаб, вақти таҳоратгирӣ ин амалро намекардам. Ҳукми намозҳои ман чӣ мешавад?» Хоҷа гуфт, ки «Норавост». Мӯсафед гуфт: «Ман ин суолро аз имоми деҳаамон низ пурсида будам. Ӯ низ ҷавобан чунин гуфта буд. Бигӯед, ки тафриқи шумо ва имоми деҳаи мо дар чист?» Хоҷа гуфт: «Дар назди ман таҳорат бигиред, ман бубинам». Мӯсафед дар назди Абуҳафс таҳорат гирифт. Рӯяшро шуст. Чаҳоряк қисми сараш тар шуд. Хоҷа гуфт: «Агар таҳорати шумо чунин бошад, намозҳои баъдинаи шумо равост. Аммо пас аз ин дар хотир доред: мувофиқи ҳукми Қуръон кашидани масҳ бар сар фарз аст».

***

Рӯзе аз Абуҳафси Кабир пурсиданд, ки «Чаро дар хусуси устоди худ – мутасаввиф, олими барҷаста Фузайл ибни Иёз бисёр намегуед?». Он гоҳ Абуҳафси Кабири Бухорӣ ҷавобан гуфт: «Ман ба назди Фузайл ибни Иёз рафтаам. Чашмони ӯ калон ва сергиря, даҳонаш низ калон буд. Вақте ки мегирист, ашкҳо аз рӯяш ғел зада, ба даҳонаш медаромаданд, ба ӯ нигариста, раҳмам меомад».

**(Давом дорад).**

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

Фармони Президент – дар амал

# ҲЕҶ НЕЪМАТ ШАРИФТАР АЗ ИЛМ НЕСТ

*Зи илму касби обо тӯша андӯз,*
*Дигар илму забони аср омӯз.*
***Тошхӯҷаи АСИРӢ.***

Сарвари давлатамон дар Мурочиатномаи худ ба Олий Мачлис ва халқи Ӯзбекистон соли 2023-ро «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълон кард, ки ба зиммаи омӯзгорон масъулияти бузургеро гузошт. Зеро, рушди ҷамъият ба дараҷаи шуур ва сатҳи дониши инсонӣ вобастагӣ дорад. Чунки пешравии ҷамъият ва ҳалли аксари мушкилоти ичтимоию иқтисодии ҷомеа ба таълими босифат вобаста аст. Боиси хушнудист, ки бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Президент дар кишварамон шумораи муассисаҳои таълими олӣ 2,5 баробар афзуда, ба 198-то расид.

Яке аз мактабҳои олии навтаъсис Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия мебошад, ки дар тасарруфи Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст.

Агар кас ба ҳудуди донишкада ворид шавад, нигоҳаш ба мучассамаи муҳташами асосгузори адабиёти навини тоҷик, Устод Садриддин Айнӣ афтода, чунин ба назар мерасад, ки гӯё ӯ ба ташрифовардагон «хайра макдам ба олами дониш!» гуфта истодааст. Бояд тазаккур дод, ки замоне дар ин ҷо Донишкадаи педагогӣ ба номи Устод Айнӣ ташкил шуда, писаракону духтаракон аз тамоми гӯшаву канори кишварамон таълиму тарбия мегирифтанд. Таърих гувоҳ аст, ки Устод Айнӣ дар ҷунбиши ҷамъияти ҷадидҳо ширкат варзида, дар ташкили мактабҳои усули нав ва маорифпарварӣ саҳми арзанда гузошта, шеърҳои «Нидо ба ҷавонон», «Заминро нафурӯшед» далели фикри мо аст. Афсӯс, ки бо баъзе сабабҳо ин маскани таълим барҳам хӯрд.

Ҳоло дар асоси фармони Президент доир ба ривоҷ додани Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар тасарруфи он Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия таъсис ёфтааст. Мо оиди кору фаъолияти мактаби олии навтаъсис бо ректори он, доктори фанҳои фалсафа (PHD) Акбар Сафаров суҳбат ороста, ба чанд пурсиши худ посух гирифтем.

– Дар масъалаи таълиму тарбия ва педагогика Финландия дар дунё пешқадам аст, – гуфт дар оғози суҳбат Акбар Сафаров, – ана барои чӣ бо ин мамлакат шартномаи ҳамкорӣ бастем. Имрӯзҳо чанд нафар омӯзгорон аз Финландия ба Самарқанд омада, ба талабагон сабақ медиҳанд. Дар донишкадаи мо ба масъалаи педагогика тарзи навини устодӣ, яъне муаллимӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Зеро мақсади мо тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои мактабҳо аст.

**– Дар донишкада самтҳои таълим ва омӯхтани фанҳо ба кадом забонҳо мебошад?**

– Устодон ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва хориҷиён ба англисӣ дарс гузашта, бо мақсади бевосита ба амалиёт пайвастани ҷараёни таълим дар мактабҳои миёнаи вилоят тачрибаомӯзӣ мекунанд. Боз як навид он аст, ки хатмкунандагон соҳиби ду диплом – донишкадаи мо ва Финландия хоҳанд шуд. Ҳоло дар институт аз кишвари ҳамкор чанд нафар профессору омӯзгорон сабақ медиҳанд. Инчунин бо донишгоҳҳои Финландия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон ба раванди таълим ба тарзи онлайн ҷалб карда шудааанд.

**– Дар кадом факултаҳо гурӯҳҳои тоҷикӣ арзи вуҷуд дорад?**

– Математика ва информатика, физика ва астрономия, кимиё, биология, таълими томактабӣ, омӯзиши технология тоҷикони вилояту ҷумҳурӣ ба забони модарии худ сабақ мегиранд.

**– Таъминот бо китобҳои дарсӣ ва омӯзгорон чӣ хел аст?**

– Ана ҳамин масъала муаммо мебошад. Мехостам дар ин мавзӯъ мудири кафедра, доктори фанҳои педагогӣ Фирӯза Ҳамроева ҷавоб диҳад.

– Мо ҳайрон, – сухан оғоз кард Фирӯза Асороврна, – тибқи қарордод 13-16-уми марти соли равон дар шаҳри Душанбе анҷумани ректорони донишгоҳҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон баргузор шуд, вале институти моро таклиф накарданд, гарчанд гурӯҳҳои тоҷикӣ дорем ва шартнома оиди ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд баста шудааст.

**– Фаҳмо, таъминот бо китобҳои дарсӣ чӣ хел?**

– Соли гузашта бо имзои собиқ роҳбари донишкадаи мо А. Бегматов ба номи вазири таълими халқи Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода мактуб ирсол гардид, ки бо китобҳои дарсӣ кумак диҳад. Ҷавоб нашуд. Чанд маротиба занг зада илтимоси хешро гуфтем, аммо то ҳол ваъда ҳаст амал нест. Чӣ ҷойи руст кардан аст, мушкили омӯзгорон низ вучуд дорад. Ба наздикӣ сафар ба шаҳри Хуҷанд пешбинӣ шудааст. Умедворем, ки дар асоси шартнома баъзе мушкилоти мо ҳалли худро хоҳанд ёфт...

– Самарқанд шаҳри пурҷозиба ва бостонӣ буда, солҳои мактабхонӣ бо ин гӯшаи афсонавӣ шинос шуда будам, – иброз дошт профессор Ҳанне Коллӣ, – бинобар ҳамин, таклифи ҳамкориро пазируфта омадам. Ҷариб ду моҳ аст, ки дар факултаи таълими тоибтидоӣ ба талабаҳои самарқандӣ дарс гузашта, бо таҷрибаи Финландия шинос мекунам. Хушҳол ҳастам, ки шогирдонам бо шавқу завқ аз усулҳои таълиму тарбияи кишвари мо баҳраманд мегарданд. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки бачагони то синни мактабӣ хотираи мустаҳкам доранд. Пӯшида нест, ки онҳо низ ба телефон ва ҳар гуна бозиҳо дилбаста ҳастанд. Мо ҳатто тавассути телефон дар қалби онҳо муҳаббат ба фанҳои табиӣ – биология, математика, кимиё, физика ва ғайраро бедор мекунем. Охир ба қавли сарвари давлати шумо Шавкат Мирзиёев Ренессанси саввумро онҳо бунёд мекунанд. Ва барои ба муроди дил расидан илму дониш лозим. Неъмати бузург илм аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ЗАРАРИ ҒУНШАВИИ ГАЗ ДАР ХОНАДОНҲО

Ба сабаби беэътибориву нодуруст истифода бурдан аз асбобҳои дастисохти гармидиҳӣ, пурра насӯхтани гази табиӣ ва сӯзишвориҳои дигар, мисли ангишт, ҳезуми тар дар хонаҳо газ ҷамъ мешавад. Он берангу бӯй буда, организми инсонро захролуд мекунад. Ба таъсири ғубор ҳолати фавти инсонҳо низ қайд шудааанд.

Ходимони Вазорати вазъиятҳои фавқулода оиди пешгирӣ ва бартараф намудани зарарҳое, ки дар натиҷаи ҷамъшавии газ дар хонадонҳо рух медиҳанд, байни аҳолӣ, корхонаву ташкилотҳо корҳои ташвиқотӣ мебаранд.

Мувофиқи тавсияҳои ходимони соҳа чанд амалро бояд ичро кард. Аз ҷумла, печҳои гармидиҳӣ ва мӯриҳоро доимо аз назар гузаронед.

Таҷҳизотҳои газро даргиронда, шаб хомӯш кардани онро фаромӯш накунед. Агар дар хона бӯйи газро ҳис кунед, асло чароғро нагиронед. Даставвал дару тирезаҳоро кушоед. Барои муайян намудан ва бартараф кардани сабаби ин ҳолатҳои ногувор ба рақамҳои «104» ва «1050» занг занед.

Ходимони шуъбаҳои вазъиятҳои фавқулодаи шаҳри Тошканд аҳолӣ ва меҳмононро ба эҳтиёткорӣ даъват менамоянд.

**Бахтиёр ҲОШИМОВ,**
**мутахассиси шуъбаи назорат ва профилактикаи бехатарӣ аз сӯхтори вазъиятҳои фавқулодаи «Маркази маърифат»-и шаҳри Тошканд.**

# БЕСАВОДӢ АЗ БЕКОРӢ ПАЙДО МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Назар ба фикри олимони Ғарб, бесаводии функсионалӣ, пеш аз ҳама, аз бекорӣ пайдо мешавад. Ҳамин низ маълум, бачае, ки бисёр китоб хонд ва дар мактаб таълими хуб гирифт, ба осонӣ роҳи худро пайдо мекунад. Аз тадқиқотҳо бармеояд, ки дӯстдорони китоб аз дигарон бо рушди зеҳнӣ ҷудо шуда меистанд. Онҳо дар масъалаи муайян мустақилона фикр мекунанд, неку бадро фарқ карда метавонанд, ба лаёқати қабул кардани қарор моликанд, хотираи мустаҳкам доранд, нутқашон ривоҷёфта аст, хотираашон мустаҳкам мебошад, бо дигарон тез забон ёфта метавонанд.

Олимони Ғарб дар ақидааанд, тоифае, ки «бесаводи функсионалӣ» ҳисоб меёбад, ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон мерасонад. Акнун фикр кунем дар бораи фарзандоне, ки дар оилаи «бесавод» ба воя расидаанд.

Бобати бартарафсозии инқирози мутолиа кишварҳои рушдёфта як қатор чораву тадбирҳо меандешанд. Омӯзиши онҳо аз фоида холӣ нест.

Чунончи, дар Фаронса барои ҳалли мушкилот дар масъалаи китобхонӣ ҳукумат ғамхорӣ зоҳир намуда, дар ҳузури Вазорати маданият садорат оиди кор бо китоб ва мутолиа ташкил карда шудааст. Барои кушодани роҳи васеъ ба китоб китобхонаҳои нав сохта мешаванд. Вазъи китобхонаҳои оммавӣ беҳтар шудааст. Барои аҳолие, ки имкони ба китобхона рафтан надорад, ҳудудҳои иловагӣ ташкил ва китобхонӣ тарғиб карда мешавад. Барои ин гузаронидани чорабиниҳои ғайрианъанавӣ низ хеле судбахш. Масалан, ба метро ё дигар нақлиёти ҷамоатӣ часпонидани беҳтарин порчаҳо аз адабиёти бадеӣ. Китоб хонда додан дар беморхонаҳо ва боғчаҳои бачагона. Хулоса, вақте ҷавонон ё шахсони синну соли гуногун ба китобхона намераванд, «китобхона ба назди онҳо меояд». Яке аз ташаббускорони ин ҳаракат Марк Роже солҳои дароз дар байни аҳолӣ гашта, ба бачаҳо китоб хонда додааст. Дар Фаронса ҳамчунин ташкилотҳои гуногун дар масъалаи мутолиа аз наздик ҳамкорӣ намудааанд, ки инро «китобхонаи бедевор» низ меноманд.

Бобати бартарафсозии инқирози китобхонӣ аз ҷониби Маркази китоб дар таркиби Китобхонаи Конгресси ИМА фаъолияти истиқболнок пеш бурда ва он «Соли китобхонҳои ҷавон», «Миллати китобхонҳоро меофарем», «Китоб олами навро мекушояд» барин барномаҳоро таҳия кардааст. Дар Олмон Бунёди мутолиаи немис ташкил ёфтааст, ки он ба китобхонӣ дар оила аҳамияти алоҳида менигаронад. Соли 1997 дар Британиёи Кабир Соли мутолиаи миллӣ эълон гардида буд...

Мамлакати мо низ тӯли даҳсолаҳо «инқирози мутолиа»-ро аз сар гузаронд ва бо ташаббуси роҳбари давлат барои ҳалли мушкилот дар ин самт чораҳо андешид ва қарори махсус қабул гашт. Аз ҷумла, Агентии кор бо ҷавонон вазифадор шудааст ба гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Китобхони ҷавон» сарубар гардад. Чорабинӣ ба анъана табдил ёфта, торафт фарогир мешавад.

Ба наздикӣ озмуни навбатии «Китобхони ҷавон» ҷамъбаст ва ғолибон дар се тоифаи синнусолӣ, аз ҷумла онҳое, ки ҷойи аввалро гирифтааанд, ба тухфаи Президент – автомобили Spark сазовор дониста шуданд. Бо вуҷуди ҳамин хуб мешуд дар масъалаи боз ҳам афзун гардондани сафи дӯстдорони мутолиа роҳҳои нави ҷалбсозӣ ба китобхониро ҷустуҷӯ созем, дар ин самт ба доираи ҳамкориҳо вусъати тоза бахшем, аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои рушдёфта, ки бобати китобхонӣ ва ҷалби ҳарчи васеи омма ба мутолиа комёб шудааанд, истифода намоем.

**Ҳумоюн АКБАРОВ,**
**узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон.**

# «КИТОБҲО БӮЙИ БОБОМРО ДОРАНД»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ин марди баномус ва инсони ростқавлу рострӯ дар деҳаи хушманзари Дарбанд соли 1951 дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Сафармаҳмад Сафарқулов дар мактаби рақами 9-уми деҳаи Дарбанд ба фарзандони мардум аз фанни математика дарс медод ва худ иштирокчии набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Дар деҳа ўро хурду бузург яксон эҳтиром мекарданд. Чунки шахси доно, омӯзгори сахтгир, инсони ҳалолкор буд. Нони худу фарзандонро аз пайи заҳмати омӯзгорӣ таҳия мекард ва фарзандонашро низ дар роҳи рост ба камол мерасонид. Нарзулло дар оила фарзанди дуюм мебошад. Аслан оилаи бобои Сафармаҳмад аз се духтар ва панҷ писар иборат буд. Бо момои Басанда ин миқдор фарзандро ба дунё овардаву дар тарбияту таълими онҳо басо ранҷ бурдааанд. Панҷ писари онҳо маълумоти олӣ гирифтаанд ва имрӯз ҳар кадом соҳиби оилаҳои обрӯманде мебошанд. Аммо аз байни бародарон Нарзулло минбаъд аз пайи падар рафт ва касби омӯзгориро интихоб намудаву чун қиблагоҳаш шӯҳрат ёфт. Азбаски дар мактаб хубу аъло мехонд, солҳои 1968–1970 дар дабистони рақами 10-уми ноҳияи Бойсун чун котиб ба кор пазируфтанд. То соли 1973 дар хидмати Ватан-Модар қарор гирифт. Пас, то соли 1974 курси тайёриро гузашта, ҳамон сол ба ришталаи риёзиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Ин маскани илмро соли 1979 бо ихтисоси математика хатм кард. Аммо иштиёқи омӯхтани илми ҳисоб Нарзуллои ҷавонро водор сохт, ки дар шаҳри Душанбе монад. Вай дар кафедраи математикаи олии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгор ба кор шурӯъ кард ва дар он ҷо то соли 1985 фаъолият намуд. Дар ҳамин давра кори илмии худро бо муваффақият ҳимоя карда, номзади илм ҳам шуд. Аммо баъзе мушкилоти оила ўро ба Ватан оварда ва минбаъд муқими воҳаи Сурхон кард. Сафармаҳмадов аз соли 1985 ба Тирмиз омад ва фаъолияти худро дар Техникуми хоҷагии қишлоқ ба сифати омӯзгори математика шурӯъ намуд. Кор дар кафедраи математика ва информатика барои ӯ хеле роҳат даст медод, чунки дар соҳаи худ мутахассиси варзидае буд ва дар байни ҳамтоён чун ӯ номзади илм вуҷуд надошт. Сафармаҳмадов даҳ соли умри худро дар ин даргоҳ барои омӯзондани асрори илми риёзӣ сарф карда, шогирдони хеле зиёдеро таълиму тарбия дод. Вай чанде зарбаҳои ҳаётро мардонавор таҳаммул карда, ба мактаби рақами 13-уми шаҳри Тирмиз ба кори омӯзгорӣ баргашт. Баъдан дар литсейи туркӣ ба хонандагони иқтидорнок илми ҳисоб омӯзонда, аз он ҷо ба нафақа баромад.

Вай дар вилоят яке аз риёзидонҳои машҳур ба ҳисоб мерафт. Ӯ омӯзгориро яке аз пешаҳои бошарафе ҳисоб мекард ва худ аз интихоби ин касб ҳаргиз пушаймон набуд. Ҳамеша либоси озода ва куртаи сафеду гарданбанди зебояш салобати ўро дучанд меафзуданд. «Хонаву палос, одаму либос» – мегуфт маҷоли машҳури халкро ба ёд оварда. Ўро дар ҳама гуна давраҳо намедиданд. Ба он ҷойҳое қадам мениҳод, ки аҳли назар ҷамъ омадаву лаби сухангўе ҳузур дорад ва гўши суханшунаве омода аст.

Ӯ ва завҷаи бовафои ӯ – Ҳоҷар Тангриқулова зиндагии хушу бофароғате доштанд ва дар ҳаёт соҳиби панҷ нафар фарзанд шуданд, ки аз ин шумор чор духтари нозанин – Маҳина, Таҳмина, Заррина, Наргиза ва як писар – Дилшод мебошанд, ки тарбияти неке гирифта, имрӯзҳо бо дуои волидон ҳар кадом ба зиндагии мустақил машғуланд. Заррина Сафармаҳмадова дар кафедраи забонҳои хориҷии ДД Тирмиз омӯзгор аст ва ҳоло дар садади ҳимояи кори илмии худ қарор дорад. Дилшод хатмкардаи Донишгоҳи гуманитарии Маскав ба номи Шолохов ва мутахассиси соҳаи информатика ва иқтисодшиносӣ аст.

Дар як суҳбат устод бо ширинзабонӣ:

– Худованд ба ман панҷ нафар фарзанди дӯстрӯ ва 5 ҳазор адад китоби нодир ҳадя кардааст, шукр ба даргоҳаш, – гуфта буд.

Вай китобҳои бешумораш ро низ дар радифи фарзандон медонист ва ба он ганҷинаи ноёб мисли ҷигарбандони худ муносибат мекард. Агар нафари корафтодае китоб пурсад, ҳаргиз рад намекард, аммо фурсат медод, ки хонаду ҳатман баргардонад.

Чи тавре ки ҳаёт аз субҳу шом иборат аст, соли 2014 вай бе ҳамрози умр монд ва намедонист, ки бори вазнинро чӣ тавр то манзили мурод барад. Аммо сабри фурӯзон, ки дошт, ин дардҳоро таҳаммул кард ва аз барои ояндаи неки фарзандон дубора чун кӯҳе азим қомат рост намуд. Аммо аз қазо дар саросари ҷаҳон як маризии ҷонзудо доман густурд. Устод низ ба беморӣ печида, 28-уми июли соли 2020 дилаш аз кор монд. Соли сеюм аст, ки аҳли оилаи муаллим бе ҳузури ӯ дар рӯзи мавлудаш ҷамъ меоянд ва хотироти рӯзҳои рафтаро ба ёд оварда, оби чашм мерезанд. Арӯси хонадон Ноҳида мегӯяд, ки бобои фарзандонаш – Нарзулло Сафармаҳмадов дар дами вопасин ҳам китобҳои худро аз ҷевон берун оварда, ба давру пеш чида буд ва ҳар кадоми онро варақ задаву гӯё бо азизтарин узви хонадон худоҳофизӣ мекарда бошад, якеро мебӯид, дигареро ба оғӯш гирифтаву ба рӯяш табассум карда, дубора дар мақомаш мегузошт. Ба таъкиди вай, имрӯз наберахои муаллим китобҳои бобоашонро ба даст гирифта мегӯянд:

– Китобҳо бӯйи бобомро доранд.

Ҳарчанд устод Нарзулло Сафармаҳмадов ҷисман ин дунёи дурӯғинро тарк кардааст, дар дили аҳли назар, фарзандон ва таборони меҳрубонаш рӯҳан зинда аст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*«Ҳаққи устод аз падар беш аст».* **Сурат-лавҳаи Т. ХОВАРӢ.**

*Ахлоқ*

# СУРАТ

Барои ҳалли мушкилоте ба яке аз ташкилотҳои ноҳия рафтам. Дар даҳлез дӯстамро вохӯрдам. Баъди пурсупос вай маро ба кабинети кориаш даъват кард. Ҳарду пасу пеш даромадем ва бо ишора ба ман ҷойи нишаст нишон дод. Кабинеташ хеле озодаву сариштаи буд.

Чашмам ба сурати рӯйи мизи кориаш афтид. Дар он марди бузургсоли нуроние акс ёфта буд, ки дар сар тоҷии тоҷикона дошт ва нигоҳаш ба як нуқта равона шуда буд.

– Падаратон? – пурсидам.

– Бале, – тасдиқ намуд дӯстам.

– Он кас ҳоло даври пирӣ меронанд?

– Ҳа, Худоро шукр. Чаро мепурсед?

– Худам...

– Медонед, аксарият бо шавқ мепурсанд, ки чаро расмро ин ҷо гузоштаам? – баъди каме сукут ба сухан сар кард дӯстам ва илова намуд: – Агар қадаммониам дигар ё асабӣ шавам, ба ин сурат чашмам меафтад ва ҳамон замон аз аспи ғазаб мефароям. Охир, падарам доим пандам медиҳанду мегӯянд: «Ҳаргиз дилозорӣ накун, ки аз дилозор Худо безор»...

– Мебахшед бародар, сабаби дуюми пеши рӯ мондани сурат дар чист? – бесаброна пурсидам.

– Симои падарҷонам ҳамеша дар пеши назарам аст. Вақте ки аз ташвишҳои кору зиндагӣ хаставу дилтанг мешавам, чеҳраи падарамро дидан замон ҳама хастагиҳоям рафъ мегарданд, он ташвишу мушкилиҳо ба назарам ҳеч менамоянд. Сурати падарамро ҳар рӯз бубинам ҳам, боз пазмонашон мешавам.

– Ба падаратон зуд-зуд занг мезанед?

– Албатта. Агар ду соат овозашонро нашунавам, дилтанг мешавам.

– Нағз...

Рости гап, дар худ андешидам, ки «ин дӯстам камтар калонгап шудааст. Гӯё дигарон падари худро дӯст намедоранд». Ғарқи чунин андешаҳо будам, ки садои телефони мобилии дӯстам баланд шуд. «Падарам!» – гуфт ҷавон ва узр пурсида, телефонро ба гӯшаш наздик бурд. Бисёр суҳбат накард, вале хеле муаддабона ҳарф зад. Мисле худро вонамуд мекардам, ки ин ҳаракатҳои дӯстамро намебинам ва суҳбати онҳоро намешунавам, вале ҳамаи ин лаҳза дар маркази эътибор қарор гирифта буд.

Ҳар боре, ки «хуб шудааст» мегуфт, нимхез мешуд, гӯё падараш дар рӯ ба рӯяш истодааст. Чашмонаш аз шодӣ медурахшиданд.

Чӣ хел аз он ҷо баромада рафтани худро пай набурдам. Ҳангоми бозгашт ҳам ин лаҳзаҳо дар пеши назарам ҷилва мекард. Баъд аз байн ду моҳ гузашт ва хабар ёфтам, ки ҳамон дӯстам падару модарашро ба зиёрати Каъбатуллоҳ фиристодааст. Соли гузашта бахшида ба 30-солагии Қомуси Ватан ба вай нишони сарисинагӣ супурданд. Барои муваффақияти дӯстам хеле хурсанд шудам. Ба ӯ занг зада табрик намудам ва гуфтам, ки ҳоло муваффақиятҳову дастовардҳои зиёд дар пеш ўро мунтазиранд.

Ба ӯ ҳавасам омад.

Ман, шукри Худо, падару модарамро хеле зиёд эҳтиром мекунам. Онҳо аз ҳеч чиз камбудӣ эҳсос намекунанд. Рӯзе аз ширинҳои дӯстдоштаи падарам гирифта, ҷониби ҳавлӣ шитофтам. Ҳар қадар ба хона наздик мешудам, табъам болидатар мегардид. Медонистам, ки аз ин дидор ва савғотиҳоям падарам хеле шод мешаванд.

– Ассалому алайкум, падарҷон!

– Ваалайкум ассалом. Тинҷӣ аст? Дар ин вақт намеомади-ку? – бо нигаронӣ пурсиданд падарам.

– Шуморо сахт пазмон шудам, падарҷон, – гуфтаму ширинҳои дастамро, ки то ин дам паси худ пинҳон мекардам, ба падар дароз кардам.

Падарам аввал чӣ гуфтану чӣ кор кардани худро надониста, ба рӯям мутаҳаййирона нигоҳ карда монданд. Баъд нарм гуфтанд, ки аз ман розӣ ҳастанд. Баъд аз ин қариб ҳар рӯз аз ҳолашон хабар мегирам. Рафтори дӯстам маро водор кард, ки минбаъд низ аз ҳоли падару модарам бештар хабар гирам ва эҳтиромашонро ба ҷо биёрам. Охир онҳо ғаниматанд...

**Бунёди ШОМАТ,**
*вилояти ФАРҒОНА.*

*Дар хориҷ чӣ гуна?*

# ТАЪЛИМИ УМУМИИ МИЁНА ҲАТМӢ ВА БЕПУЛ АСТ

***Улдон Қараеваро хонандагони «Овози тоҷик» тавассути хабару мақола, очерк ва гузоришҳои хонданиаш мешиносанд. Вай чанд сол қабл бори хабарнигории рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дар вилояти Қашқадарё бар дӯш дошт. Ҳоло ӯ бо тақозои тақдир дар Шветсия зиндагӣ мекунад.***
***Чанде қабл ӯ ба рӯзномаи дӯстдоштааш маводи ҷолиберо интиқол дод, ки аз тарзи таҳсил дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олии Шветсия нақл мекунад. Роҳбари давлатамон ҳар сари чанд вақт дар нутқҳояш доир ба таҷрибаи кишварҳои пешқадами хориҷӣ сухан ба миён меоварад. Фикр мекунем, ошноӣ бо тарзи таълим дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олии ин мамлакат, дар даврае, ки соҳаи мактабу маорифамон ислоҳоти ҷиддиро аз сар мегузаронад, аз манфиат холӣ нест.***

***БАХШИ МАКТАБ ВА МАЪНАВИЯТИ «ОВОЗИ ТОҶИК».***

Кӯдакистон дар Шветсия – ҳокимиятҳои маҳаллӣ барои пешниҳоди муассисаҳои томактабӣ барои кӯдаконе, ки дар Шветсия ба қайд гирифта шудааанд ва аз синни яксолагӣ сурат мегиранд, аз рӯйи қонун масъуланд. Мисли маркази баъдидарсӣ ба боғчаи бачагона рафтан ихтиёрист ва аз соли 1970 инҷониб шумораи бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар ин ҷо ҳангоми қабули кӯдакон ба мактабу боғча ҳуҷҷатҳои зиёде пур карда мешаванд. Падару модарон ба саволҳои бисёр ҷавоб медиҳанд. Масалан, агар бача гиря кунад, бо чӣ таскин меёбад? Оё аз чизе ҳассосият (аллергия) дорад? Ба ғайр аз падару модар боз кӣ метавонад ӯро бибарад? Оё ғизои махсусе барояш омода кунанд?.. ва монанди ин чандин саволи дигар, ки ба ҳаёти кӯдак рабт доранд. Кӯдакон то замоне, ки волидонашон дар кору дарс ҳастанд, дар ҳудуди боғчаи бачагона мемонанд.

Дар ин кишвар боғчаи бачагона, мактаб, донишгоҳ ва кулли идораҳо барномаи зидди табъиз доранд. Бачаҳо аз замони кӯдакӣ бо тарзи демократӣ зиндагӣ кардан, мустақилона либоси худро пӯшидану хӯроки худ хӯрдан ва ба ҷомеа ҳамроҳ шуда, эҳтиром кардани яқдигарро ёд мегиранд.

Таҳсил дар мактабҳои Шветсия барои ҳамаи кӯдакони аз 6 то 16-сола ҳатмӣ ва ройгон аст. Барои бачаҳо ғизою китобу дафтар ва дигар асбобҳои хониш бепул дода мешавад. Таъмири мактаб, ҷиҳози хониш ва дигар харҷҳо аз ҳисоби давлат пардохта мешавад.

Соли хониш дар ин кишвари Скандинавия одатан аз охири моҳи август то нимаи аввали моҳи июни соли дигар давом мекунад.

Таътили ҷашни Милод ва Соли нави милодӣ аз нисфи моҳи декабр то ҳафтаи аввали моҳи январ соли хониши Шветсияро ба ду ҷоряк тақсим мекунад – «ҷоряки тирамоҳӣ» ва «ҷоряки баҳорӣ».

Таҳсилоти расмӣ дар мактаби ибтидоӣ, мактаби миёна ва донишгоҳ сурат мегирад. Дар баробари таҳсилоти давлатӣ таҳсил метавонад аз ҷониби мактабҳои хусусӣ ё мактабҳои мустақил дода шавад. Илова бар ин, дигар муассисаҳои таълимӣ, аз қабили мактабҳои олии мардумӣ, иттиҳодияҳои таълимӣ, ширкатҳои гуногуни хусусии таълимӣ ва ғайра мавҷуданд. Маълумоти расмӣ дар Шветсия дар сатҳи ибтидоӣ аз асри XIII, дар сатҳи миёна аз асри XVII ва таҳсилоти академӣ (олӣ) аз замони таъсиси Донишгоҳи Упсала (соли 1477) вуҷуд доранд.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши муаллимон аз тарафи маъмурияти мактаб рӯзҳои омӯзиш ташкил карда мешаванд. Аттестатсия нест, муаллим бо ҳамон ҳуҷҷате, ки баъд аз таҳсили мактаби олӣ шаҳодатномаи таълим мегирад, корашро пеш мебарад.

Муаллимон бо методҳои пешқадам дарс медиҳанд ва бо бачагон хеле хушмуомилаю самимӣ ҳастанд. Хонандагони мактаб ҳам устодони худро дӯст медоранд ва дар бораи мушкилоти хеш озодона бо муаллим суҳбат мекунанд.

Ҳар як мактаб равоншинос ва ҳамшираи шафқати худро дорад. Агар бача ба дарсҳо иштирок накунад ё дар анд-ӯҳтани дарсҳо душворӣ кашад, равоншиносу педагогҳои махсуси мактаб кори ўро баррасӣ мекунанд. Муаллимон зуд бачаҳоеро, ки сатҳи донишашон бо ҳамсинфони худ баробар нест, аниқ карда, бо онҳо вақти зиёдтар ҷудо месозанд. Агар ин натиҷа надиҳад, онҳоро ба синфҳои махсус, ки бо методҳои гуногуну сода таълим медиҳанд, мегузаронанд.

Муаллимон вазифаи ба хадамоти иҷтимоӣ ҳисобот доданро доранд. Агар бача ба мактаб бесабаб ҳозир нашавад, аз тарафи волидон ё шахсони калонсол мавриди хушунат қарор бигирад, сару либоси бача дар ҳолати бад бошад, дар хонаводаи ноором зиндагӣ намояд, муаллим бояд ҳисоботи ташвишовар бифристад. Хадамоти кумаки иҷтимоӣ дар ин ҳолат метавонад бачаро аз волидон бигирад. Чунки бояд ҳуқуқи бача дар мадди аввал бошад.

Агар дар як мактаб панҷ бача бо як забони хориҷӣ суҳбат кунанд, барояшон дарси забони модарӣ ташкил карда мешавад. Аз рӯйи тадқиқоти пажӯҳишгарон бачагоне, ки бо ду забон камол меёбанд, ояндаи дурахшон доранд.

Зимни суҳбат чанде аз падару модарони ғайришвед иброз доштанд, ки онҳо хеле нигаронанд, зеро фарзандонашон дар хона бо ҳам бо забони шведӣ, ҳатто бо волидон ҳам шведӣ мулоқот мекунанд. Муаллими мактаб дар ҷавоб гуфт, ки боиси нигаронӣ нест. Вақте ки онҳо бо забони шведӣ суҳбат мекунанд, шумо бо забони модариатон ба саволҳои онҳо ҷавоб диҳед ва бачаҳо бо ду забон балад мешаванд.

Агар хонандаи мактаб барномаи синфи хондаашро тамом карда натавонад, аз як синф ба синфи дигар намегузарад. Варзиш, мусиқӣ ва меҳнат ҳам дарси асосӣ ҳисоб мешаванд ва агар хонанда аз инҳо баҳо нагирад, барнома иҷро нашуда мемонад. Масалан, агар хонанда барномаи синфи 9-умро хатм карда натавонад, ба гимназия дохил шуда наметавонад. Агар талаба дар гимназия хол (имтиёзҳо)-и кофӣ надошта бошад, ба донишгоҳ роҳ намеёбад.

Дар Шветсия либоси махсуси хонандагони мактаб вуҷуд надорад. Духтарони мусалмон метавонанд бо ҳиҷоб ба мактаб оянд.

Вақте ки хонандаи мактаб барномаи мактаби нӯҳсоларо хатм мекунад, ба гимназия дохил мешавад. Таҳсил дар ин ҷо 3 сол аст ва ҷавонон аз рӯйи риштаҳои мухталиф дарс мехонанд. Онҳое, ки мехоҳанд дар донишгоҳ таҳсилашонро идома бидиҳанд, фанҳои махсусро меомӯзанд. Онҳое, ки мехоҳанд соҳиби ягон касб шаванд, дар гимназия ҳам ин шуғлро метавонанд ёд гиранд. Шуғлҳои устои мошин шудан, ошпазу ороишгар, фурӯшанда аз амсоли онҳост.

Аксарияти волидони швед мехоҳанд фарзандонашон дар 18-солагӣ мустақил бошанд, фарзандонашон ҳам барои мустақил шудан кӯшиш мекунанд. Аммо то замоне, ки фарзандон гимназияро хатм мекунанд, падару модарон масъули харҷи онҳо ҳастанд.

Абитурент метавонад ба чанд донишгоҳ ҳуҷҷат супорад ва он баҳое, ки дар ҷараёни таҳсил дар гимназия ба даст овардааст, дар кадом донишгоҳ ё мактаби олӣ таҳсил гирифтанашро муайян мекунад. Таҳсил дар донишгоҳҳо бепул аст, аммо барои додани кирояи хона, хӯрок, китоб маблағ лозим мешавад. Маркази кумаки донишҷӯён ба онҳо нафақаву қарз медиҳад. Агар донишҷӯ сари вақт аз ягон фан қарздор шавад, ин кумак дода намешавад ва донишомӯзиро қатъ кунад, пуле, ки дар давоми шаш моҳ гирифтааст, бояд бардардонад.

Донишҷӯ баъди хатми донишгоҳ вақте ки сари кор рафт, барои пардохтани қарзаш шурӯъ мекунад. Донишҷӯ шудан синну соли муайян надорад, баъзан марду занҳои миёнсол метавонанд барои табдили касбашон дарс бихонанд. Тамоми шароит барои толибилмон муҳайё аст. Онҳое, ки хондан намехоҳанд, дар курсҳои мухталифи касбомӯзӣ таҳсил гирифта, соҳиби шуғли дӯстдоштаашон мешаванд. Идораи кор ҳам барои раҳнамоии чунин ашхос барномаҳои хуб пешниҳод мекунад. Ин корҳо барои рушду равнақи давлат ва беҳбудии зиндагии мардум кӯмак мекунанд.

**Улдон ҚАРАЕВА,**
*шаҳри Тимро/Шветсия.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4611 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.